«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.

________________

«17.» __________» с. 2024.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи “Таҳлили лингвистии ҳайати “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи “Таҳлили лингвистии ҳайати “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик”-и Садриддин Айнӣ” ба шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) комилан мутобиқат менамояд.

Мусаллам аст, ки дар таърихи фарҳангнигории мо луғату фарҳангҳои тафсирии зиёде таълиф ёфтаанд, ки ҳар кадоме ба қадри имкон дар шарҳу тафсири захираи луғавии забони адабии тоҷикӣ нақши босазое дорад. Агар ба таърихи зиёда аз ҳазорсолаи инкишофи луғатнигории тоҷик назари иҷмолие андохта шавад, маълум мегардад, ки фарҳангнигорони донишманди мо ҳамеша сайъ менамудаанд, ки ҳарчи бештар таркиби луғавии забонро аз ҳисоби калимаҳои фаъол фаро гиранд ва луғатҳои тафсирии содаву оммафаҳмро бо риояи беҳтарин анъанаҳои луғатнигорӣ пешниҳод мардум гардонанд.

Ин ҷараён дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ қуввати тоза пайдо намуд ва дар ин давра аз ҷониби донишмандони мо як зумра луғатҳои зарурии тафсирӣ рӯйи кор омаданд. Аз ин шумор метавон “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ”-и Садриддин Айниро номбар намуд, ки дар низоми фарҳангнигории тоҷик мавқеи хосса дорад. Таҳқиқи захираи луғавии луғати мазкур имкон медиҳад, ки ҳадду ҳудуди дороии луғавии забонамон дар ҳамон солҳо муайян гардида, мавқеи калимаҳои иқтибосии русиву аврупоӣ дар он муқаррар карда шавад. Дар робита ба ин нуктаи муҳим, таҳқиқоти диссертатсионии Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи “Таҳлили лингвистии ҳайати “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои

забони адабии тоҷикӣ”-и Садриддин Айнӣ” мубрам арзёбӣ мегардад ва дар шинохти арзиши забонии луғати мазкур таҳқиқоти аввалин мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар ҷараёни таҳқиқ баръало намоён аст. Ҳаҷм ва сохтори умумии диссертатисия, мубрамияти интихоб ва зарурати гузаронидани таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он дар илми забоншиносӣ, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои муаллиф мавқеи илмии ӯро нисбат ба мавзуи мавиди таҳқиқ инъикос намудаанд. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия, ҳамчунин, дар омӯзиши назарияҳои олимони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳс, таҳлил ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаву маърузаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Муаллифи диссертатсия дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар рисола матраҳшуда аз усулҳои таҳлилу таҷзия, муқоиса, шарҳу тафсир, оморию мушоҳида ва синхронию диахронӣ истифода намудааст.

Диссертант зикр менамояд, ки таҳқиқи луғатномаи мазкур метавонад дар шинохти вазъи ҳамонзамонии забони тоҷикӣ ва такмили минбаъдаи он нақши мондагор дошта бошад. Дар низоми он мавқеи калимаҳои гуфтугӯии халқӣ ва иқтибосии дар ҳамон солҳо роиҷ махсус таъкид гардида, қайд мешавад, ки чунин бархурди илмӣ нисбат ба ҳалли масъалаи мавриди таҳқиқ саривақтӣ ва дуруст буда, натиҷаҳои даркорӣ ба даст омадаанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда имкон дорад.** Диссертатсияи мавриди назар мувофиқи талаботи корҳои илмӣ дар доираи феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва номгӯи таълифоти муаллиф мураттаб гардидааст. Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия чун анъана ба масъалҳои мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, обйект, предмет ва сарчашмаҳои таҳқиқ, асосҳои назарии он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуи интихобшуда ва дигар масоили алоқаманд таваҷҷуҳ дода шудааст. Таъкид мегардад, ки яке аз ҳадафҳои асосии кори диссертатсионӣ нишон додани роҳҳои калимасозии луғати мазкур буда, мавқеи калимаҳои сохтаву мураккаб дар он муайян карда мешавад.

Дар **боби аввали** диссертатсия бо номи «Калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар

«Луғати нимтафсилии тоҷики барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» ба масъалаҳои мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои калимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ, воҳидҳои луғавии марбут ба либос, пойафзол, ҳайвонот, паррандаҳо, растаниҳо, асбобҳои рӯзгор ва дигар қабатҳои мавзуии луғат таваҷҷуҳ шудааст. Дар фаслҳои боби мазкур, асосан, таснифоти мавзуии луғати фарҳанги мазкур ба роҳ монда шуда, қайд мегардад, ки дар ин миён мавқеи исмҳои ғайришахс назаррас мебошад. Маълум аст, ки дар низоми луғавии забони тоҷикӣ миқдори унсурҳои луғавие, ки ба гурӯҳҳои мавзуӣ тақсимбандӣ мешаванд, хеле зиёданд. Ин қабатҳо дар забони халқӣ-гуфтугӯӣ, ки як қишри ғановатманди таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд, бо таровати хосса ифода шуда, дар луғатҳо низ бо шакли гуфтугӯии худ мавриди тафсир қарор мегиранд. Дар ин робита зикр мегардад, ки теъдоди муайяни калимаҳои халқӣ-гуфтугӯиро ҳамон вожаҳое ташкил медиҳанд, ки ба қатори унсурҳои фаъоли забони халқ дохил шуда, мафҳумҳои барои омма муҳимро ифода мекунанд. Чунончи, номҳои дарахтони мевадиҳанда: **боданҷир, шакармуруд, зардолуи баргак, ангури раз, карм** ва ғайра.

**Боби дуюми** диссертатсия «Калимаҳоли иқтибосӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои зхабони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» унвон дорад. Муаллиф дар ин боб дар фаслҳои алоҳида доир ба воридшавии унсурҳои иқтибосӣ ба забон ва таъсири онҳо ба забони ретсипиент, калимаҳои иқтибосии арабӣ, туркиву муғулӣ ва дигар забонҳо маълумот дода, андешаҳои илмии худро дар такя бо назарияҳои охирини муҳаққиқони соҳа тақвият бахшидааст. Воридшавии калимаҳои иқтибосӣ ба забони мо ҳарчанд падидаи мусбат набошад ҳам, вале аз ин воқеияти забонӣ имрӯз ҷойи гурез нест. Дар ин робита имрӯз аз нисф зиёди захираи луғавии забони тоҷикиро калимаву ифодаҳои забонҳои бегона ташкил медиҳанд, ки ҳадди аксарро вожаҳои иқтибосии арабӣ, баъдан русиву аврупоӣ ва туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд. Ҳамин ҷиҳатро ба назар гирифта, диссертант таъкид менамояд, ки дар фарҳангномаҳое, ки то замони мо омада расидаанд, бахши асосиро калимаҳои иқтибосии арабӣ ва туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд. Албатта, сабабҳои воридшавии вожаҳои мазкур маълум аст, вале ҷолиби диққат он аст, ки аксарияти онҳо аллакай ба меъёрҳои мустаъмали забонамон мутобиқ шудаанду бегонагӣ зоҳир намекунанд.

Дар хусуси шакли ҷамъи шикастаи арабӣ муаллиф ёдовар мешавад, ки дар луғати мазкур беш аз 500 маводи луғавӣ мавҷуд аст ва ин вожаҳоро бояд аз ду ҷиҳат: мансубияти соҳавӣ ва қолабҳои шакли мукассар ва солими арабӣ баррасӣ намуд. Дар идома соҳаҳои мавзуотии ин калимаҳо зикр шуда, ҳар кадоме бо мисолҳои мушаххас тасдиқи худро меёбанд. Дар фасли

охирини боби дуюм мавҷудияти калимаҳои мансуби забонҳои қадимаи бохтарӣ, суғдӣ, портӣ, оромӣ, модӣ ва юнонӣ дар луғатномаи мавриди таҳқиқ баррасӣ мегардад.

**Боби сеюми** диссертатсия зери унвони «Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» фарогири масъалаҳои сохтории моддаҳои луғавии луғати мазкур мебошад. Дар он нақши пасвандҳо дар созмони калимаҳо муқаррар карда шуда, ҳамчунин сохтори калимаҳои мураккаб бо таснифоти ду гурӯҳ – исмҳои мураккаби пайваст ва мураккаби тобеъ, мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар хусуси пасвандҳои калимасоз муаллиф маводи фаровонеро баррасӣ намуда, калимаҳои сохтаро ба навъҳои вожаҳои сохтаи марбут ба шахс, касбу кор ва ҳолату вазъияти ӯ, муносибату мансубият, калимаҳои сохтаи ғайришахси номи хӯрок, нӯшокӣ, мева, либосу матоъ, рангҳо, гулу гиёҳ, ҳайвоноту паррандаҳо, ашёҳои гуногун ва ғайра тақсимбандӣ намудааст. Таъкид мегардад, ки дар созмони калимаҳои сохтаи луғат асосан, мавқеи пасвандҳои исмсоз бештар назаррас аст.

Дар мавриди калимаҳои мураккаби наавъи тобеъ ва пайваст қайд мешавад, ки ин навъи калимаҳо бештар исманд ва чунин қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дорад. Калимасозии исмҳои мураккаб дар «Луғатнома»-и Садриддин Айнӣ мутобиқи қолибҳои анъанавии калимасозии забони тоҷикӣ сурат гирифта, сермаҳсултарин навъи калимасозӣ маҳсуб мeёбад. Ин роҳи калимасозӣ яке аз омилҳои асосии ғановатманд гардидани захираи луғавии забон ба ҳисоб меравад. Ба монанди калимаҳои навъи **чоруночор, муромурӣ, хармизоҷ, ҳавоҷӯй, сияҳчарда** ва ғайра.

Хулосаи диссертатсия бо 9 банди мушаххас натиҷагириҳоро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Ҷолиби диққат он аст, ки аксарияти бандҳои хулоса бо ишораҳои рақамӣ ба мақолаи алоҳидаи муаллиф ишора мекунанд, ки ин ҳолат аз тасдиқи назарияҳои илмии соҳиби диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дарак медиҳад.

Мувофиқи низомнома дар охири диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 5 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи бахши фарҳангнигориву маъношиносӣ ва сарфу калимасозии илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам такмил ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, ба вижа, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки

охирини боби дуюм мавҷудияти калимаҳои мансуби забонҳои қадимаи бохтарӣ, суғдӣ, портӣ, оромӣ, модӣ ва юнонӣ дар луғатномаи мавриди таҳқиқ баррасӣ мегардад.

**Боби сеюми** диссертатсия зери унвони «Сохтори калимаҳои тафсиршуда дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и Садриддин Айнӣ» фарогири масъалаҳои сохтории моддаҳои луғавии луғати мазкур мебошад. Дар он нақши пасвандҳо дар созмони калимаҳо муқаррар карда шуда, ҳамчунин сохтори калимаҳои мураккаб бо таснифоти ду гурӯҳ – исмҳои мураккаби пайваст ва мураккаби тобеъ, мавриди таҳлил қарор мегирад. Дар хусуси пасвандҳои калимасоз муаллиф маводи фаровонеро баррасӣ намуда, калимаҳои сохтаро ба навъҳои вожаҳои сохтаи марбут ба шахс, касбу кор ва ҳолату вазъияти ӯ, муносибату мансубият, калимаҳои сохтаи ғайришахси номи хӯрок, нӯшокӣ, мева, либосу матоъ, рангҳо, гулу гиёҳ, ҳайвоноту паррандаҳо, ашёҳои гуногун ва ғайра тақсимбандӣ намудааст. Таъкид мегардад, ки дар созмони калимаҳои сохтаи луғат асосан, мавқеи пасвандҳои исмсоз бештар назаррас аст.

Дар мавриди калимаҳои мураккаби наавъи тобеъ ва пайваст қайд мешавад, ки ин навъи калимаҳо бештар исманд ва чунин қолаби калимасозӣ дар забони тоҷикӣ таърихи қадима дорад. Калимасозии исмҳои мураккаб дар «Луғатнома»-и Садриддин Айнӣ мутобиқи қолибҳои анъанавии калимасозии забони тоҷикӣ сурат гирифта, сермаҳсултарин навъи калимасозӣ маҳсуб меёбад. Ин роҳи калимасозӣ яке аз омилҳои асосии ғановатманд гардидани захираи луғавии забон ба ҳисоб меравад. Ба монанди калимаҳои навъи **чоруночор, муромурӣ, хармизоҷ, ҳавоҷӯй, сияҳчарда** ва ғайра.

Хулосаи диссертатсия бо 9 банди мушаххас натиҷагириҳоро аз таҳқиқоти илмӣ фаро гирифтааст. Ҷолиби диққат он аст, ки аксарияти бандҳои хулоса бо ишораҳои рақамӣ ба мақолаи алоҳидаи муаллиф ишора мекунанд, ки ин ҳолат аз тасдиқи назарияҳои илмии соҳиби диссертатсия аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дарак медиҳад.

Мувофиқи низомнома дар охири диссертатсия тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 5 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди корбурд қарор додани онҳо назарияву амалияи бахши фарҳангнигориву маъношиносӣ ва сарфу калимасозии илми забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам такмил ёбад. Дар феҳристи адабиёт зикри теъдоди муайяни сарчашмаҳои илмиву фарҳангномаҳо, мақолаву васоити таълимӣ, ба вижа, таҳқиқоти судманд роҷеъ ба мавзуи интихобшуда оварда шуда, ин ҳолат бевосита аз дониши васеъ ва огоҳии комили муаллиф дар таҳқиқи кори диссертатсионӣ дарак медиҳад. Маълум мегардад, ки

истифодаи теъдоди зиёди пажуҳишҳои илмии марбут, маводи фаровони таҳлилӣ ва назари мустақилонаи муҳаққиқ роҷеъ ба андешаҳои бархе аз мутахассисони соҳа дар дохили диссертатсия мустақилияти андешаи ӯро дар раванди таълифи рисола таъмин намудааст, ки ин ҳолат яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳияи рисолаҳои илмии замони муосир мебошад.

Маълум аст, ки аз нигоҳи илмӣ баҳои воқеӣ дода тавонистан ба ҳаллу фасли масъалаи матраҳшаванда аз муҳаққиқ дар баробари дониши фаровон идроки баланди забониро тақозо мекунад. Аз мутолиаи диссертатсия ба таври равшан ошкор шуд, ки муаллифи он аз уҳдаи иҷрои ин вазифаи басо муҳим ба таври қонеъкунанда баромадааст. Тарзи гузориши масъалаҳо ва таҳлилу баррасиҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дорои заковату завқи махсуси забоншиносӣ ва хосатан, калимашиносиву маъношиносӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовнаро дар мавзуи "Таҳлили лингвистии ҳайати "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ"-и Садриддин Айнӣ" метавон яке аз пажуҳишҳои муҳим ва тоза дар бахши фарҳангнигориву калимасозии забони тоҷикӣ унвон намуд, ки бо равиши хос, сабки сода, корбурди маводи фаровон, матолиб ва сарчашмаҳои муҳимми илмӣ рӯйи кор омадааст.

Аз номгӯйи адабиёти диссертатсия бармеояд, ки муҳаққиқ давоми солҳои зиёд ба ин масъала сарукор гирифтааст ва нашри мақолаҳои зиёди ӯ (5 мақолаи тақризшаванда ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ) роҷеъ ба масоили мухталифи фарҳангнигориву калимасозӣ дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмӣ ба эътирофи вай ҳамчун муҳаққиқи ҷӯё далолат мекунанд. Дар баробари ин, иштироки муаллифи диссертатсия дар конференсияҳои илмии сатҳҳои гуногун низ ба мустақилияти назари илмии вай роҷеъ ба мавзуи мавриди таҳқиқ ишора мекунанд.

Хулоса, дар диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дастовардҳои илмӣ қонеъкунанда буда, ҳусну қубҳи луғатномаи мазкур муайян карда шудааст. Бо вуҷуди чунин афзалиятҳо ҳангоми мутолиаи диссертатсия ва автореферати он баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ ба чашм хӯрданд, ки ислоҳи онҳо, бешак, асолати илмии рисолаву фишурдаи онро боз ҳам баланд хоҳад бардошт. Ба монанди:

1. Ба назари мо, номи диссертатсия таҳрир мехоҳад. Агар он дар шакли "Таҳлили лингвистии захираи луғавии "Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик"-и Садриддин Айнӣ" оварда мешуд, моҳияти масъалаи таҳқиқотиро беҳтар инъикос менамуд.

2. Ба андешаи инҷониб, дар қисмати муқаддимаи рисола дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба пуррагӣ ҳалли худро наёфтааст. Агар диссертант чанд назарияи

муҳимми муҳаққиқони соҳаро ба риштаи таҳлил мекашид, боз ҳам хубтар мешуд.

3. Дар зербандҳои қисмати муқаддима ду шакли як истилоҳ – **таҳқиқ** ва **таҳқиқот** зикр ёфтаанд, ки истифодаи истилоҳи **таҳқиқ** ба ҳақиқати илмии масъала наздиктар мебошад.

4. Баъзан ҳаволаҳои иқтибосҳои овардашуда дар рисола ба саҳифаҳои нишондодашуда мувофиқат намекунанд. Масалан, дар саҳифаи 23-и диссертатсия оварда шудааст, ки профессор Ҳ. Маҷидов диалектизмҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудааст ва дар дохили қавси мураббаъ саҳифаҳои 152-153 нишон дода мешавад. Ҳол он ки дар китоби устод ин иқтибос дар саҳифаҳои 160-161 ҷой дорад.

5. Дар рисола таснифоти мавзуии калимаҳои луғатнома таҷдиди назар мехоҳад. Чунончи, дар саҳ. 55 ба қатори воҳидҳои марбут ба хешовандӣ калимаҳои **духтархона, гандапир, духтарбинон, канғолабозӣ, канғолабоз** дохил карда шудаанд. Ё ин ки дар саҳифаи 70 ба гурӯҳи вожаҳои ифодакунандаи мансубияти хешовандӣ калимаҳои **абкор, духтарони шавҳарнодида, абно, мардум** ва **халқ** мансуб дониста шудаанд.

6. Дар диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба мушоҳида расиданд (саҳ. 5, 6, 8, 11, 12, 13, 14, 16, 19, 20, 21, 22, 23, 25, 27, 28, 40, 41, 45, 46, 50, 52, 54, 55, 69).

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои болозикр ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро мавзуъ ҳалли ниҳоии хешро дарёфтааст. Бо назардошти чунин бартариҳо, диссертатсияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна дар мавзуи “Таҳлили лингвистии ҳайати “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ”-и Садриддин Айнӣ” пажуҳиши судманди анҷомёфта буда, дар сатҳи лозимии илмӣ таълиф гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Рисола бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалии худ ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда. муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертасияи Зоитова Моҳира Маҳмадюсуфовна зери унвони “Таҳлили лингвистии ҳайати “Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷикӣ”-и Садриддин Айнӣ” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷахои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021,

тахти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 13-уми феврали соли 2024, суратҷаласаи №8 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд – 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, дотсент Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоёров Фирдавс Ниёзович

**Котиби илмии ҷаласа:**
ассистенти кафедраи забони
адабии муосири тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Холова Моҳира Бӯриевна

Имзоҳои н.и.ф., Дӯстзода Ҳ.Ҷ., н.и.ф., Мирзоёров Ф.Н. ва асс. Холова М.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Эмомалӣ Шодихонович

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: 221-77-11, 904.41-84-80.
E-mail: dustov.hamrokhon@mail.ru
Сомонаи расмӣ:www.tnu.tj